# ТАҲЛИЛИ

таъсири танзимкунии " Тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои қарзии исломӣ"

| | |
|---|---|
| Намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Лоиҳаи "Тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои қарзии исломӣ" |
| Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Бонки миллии Тоҷикистон |
| Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ ба онҳо паҳн мегардад | Ташкилотҳои қарзии исломӣ |
| Мухлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | 20 июни соли 2020 |
| Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 31.01.2020 ҷойгир карда шудааст. |
| Маҷмуи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур таклифу пешниҳодҳо ворид нагардидааст. Пас аз дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур тавассути сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикситон машварати оммавӣ гузаронида шуда, нақшаи кабули лоиҳа аз |

| | |
|---|---|
| | ҷониби тарафҳои манфиатдор ҷонибдорӣ гардид. |
| Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва окибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад | Қайд кардан зарур аст, ки фаъолияти молиявии ташкилотҳои қарзии исломӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ ва принсипҳои маблағгузории исломӣ амалӣ мегардад. Бинобар ин, ҷиҳати таҳлили фаъолияти молиявии ташкилоти қарзии исломӣ ва амалӣ намудани мақсаду вазифаҳои асосии танзим, назорат ва фаъолияти дурусти иқтисодии ташкилоти қарзии исломӣ, барои таъмини сиёсати ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, пешбурди баҳисобгирии дороиҳо, уҳдадориҳо, сармоя ва тартиб додани иттилооти муқоисавӣ ва саҳеҳ вобаста ба амалиётҳои молиявие, ки ташкилотҳои қарзии исломӣ мегузаронанд, таҳияи санади алоҳида ба мақсад мувофиқ мебошад.<br><br>Мавриди зикр аст, ки фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломӣ, низ монанди ташкилотҳои қарзии анъанавӣ ҳисоботҳои молиявии ба худ хосро дорад. Бинобар ин, зарурияти тартиби таҳияи ҳисоботҳои молиявӣ барои ташкилотҳои қарзии исломӣ бо назардошти амалиётҳои бонкии исломӣ, ки хусусияти хоси худро дорад ва аз амалиётҳои бонкии анъанавӣ фарқ дорад, ба миён омадааст.<br><br>Дар ҳолати қабул нагардидани Тартиби мазкур таҳлили фаъолияти молиявии ташкилотҳои қарзии исломӣ, ки бо мақсади танзим ва назорати |

| | |
|---|---|
| | фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломӣ дар заминаи ҳисоботҳои молиявии онҳо гузаронида мешавад, ғайриимкон мегардад. |
| Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Бонки миллии Тоҷикистон Тартиби мазкурро, бо мақсади танзим ва назорати фаъолияти молиявии ташкилотҳои қарзии исломӣ, қоидаҳои ҳисобдорӣ, таҳлили фаъолияти молиявии ташкилотҳои қарзии исломӣ, инчунин барои ба стандартҳои байналмилалӣ ва принсипҳои маблағгузории исломӣ мувофиқ гардондани ҳисоботҳои молиявӣ таҳия намудааст. |
| Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот | Дар Тартиби мазкур талабот вобаста ба пешниҳоди ҳисобот аз рӯи масъалаҳои зерин муқаррар гардидааст:<br><br>- тарзи баҳисобгирии тавозуни ташкилотҳои қарзии исломӣ;<br><br>- ҳисобот оид ба фоида ва зарар;<br><br>- тағйирот дар сармоя;<br><br>- коғазҳои қиматнок ва сармоягузорӣ;<br><br>- дороиҳои батаъхирафтода;<br><br>- таснифи дороиҳо аз рӯи хавф;<br><br>- тағйирот дар фонди махсус аз рӯи маблағгузориҳо;<br><br>- маблағгузориҳои калон;<br><br>- маблағгузориҳои шахсони ба ташкилоти қарзии исломӣ алоқаманд; |

| | |
|---|---|
| | - таснифи дороиҳо аз рӯи соҳаҳо;<br><br>- гурӯҳбандии амонатҳо аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёт;<br><br>- бақияи муҳлати пардохти дороиҳо ва уҳдадориҳо аз рӯи муҳлат;<br><br>- таснифи амонатҳо аз рӯи маблағ ва ҳисобҳо;<br><br>- меъёрҳои мақбули иқтисодӣ;<br><br>- ҳисобот оид ба кифоятии сармоя;<br><br>- нишондиҳандаҳои моҳонаи миёна;<br><br>- тақсимоти фоидаи соф;<br><br>- мавқеи асъори хориҷӣ;<br><br>- маблағгузориҳои истеъмолӣ ва хурд;<br><br>- маблағгузориҳо ва ҷойгиркуниҳои ташкилотҳои қарзии исломӣ;<br><br>- ҷойгиркуниҳои ҷалбшудаи ташкилотҳои қарзии исломӣ;<br><br>- ҳаракати маблағгузориҳои ғайрифаъол ва фонд аз рӯи онҳо;<br><br>- маблағгузориҳои калонтарини ғайрифаъол;<br><br>- маблағгузориҳои калонтарини ғайрифаъоли шахсони алоқаманд;<br><br>- маблағгузориҳои калонтарини ғайрифаъоли нав; |

| | |
|---|---|
| | - бақияи гаравҳои ба тавозун гирифташуда;<br><br>- ҳаракати гаравҳои ба тавозун гирифташуда.<br><br>Ҳисобот дар шакли хаттӣ ва электронӣ дар муҳлати муқаррарнамудаи Тартиби мазкур ба Бонки миллии Тоҷикистон супорида мешавад. Инчунин ташкилоти қарзии исломӣ барои саривақт насупоридани ҳисобот ва пешниҳоди маълумоти нодуруст ва нопурра мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.<br><br>- ҳисоботи даҳрӯза дар давоми 6 рӯзи тақвимӣ баъди давраи ҳисоботӣ;<br>- ҳисоботи моҳона дар давоми 12 рӯзи тақвимӣ баъди давраи ҳисоботӣ.<br>Агар дар ҳисобот хатогӣ ошкор карда шавад, ҳисобот барои ислоҳ намудан ба ташкилоти қарзии исломӣ баргардонида мешавад ва ташкилоти қарзии исломӣ бояд ба Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоботро дар муҳлатҳои зерин пешниҳод намояд:<br>- барои ҳисоботи даҳрӯза - 2 рӯзи корӣ;<br>- барои ҳисоботи моҳона - 3 рӯзи корӣ;<br>- барои ҳисоботи солона - 5 рӯзи корӣ. |
| Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ). | Қабули Тартиби мазкур чораи зарурӣ барои ҳалли масъалаи таҳлили фаъолияти молиявии ташкилотҳои қарзии исломӣ мебошад ва бидуни қабули Тартиби мазкур, ки бевосита тавассути ҳисоботҳои молиявӣ дастрасӣ ба нишондиҳандаҳои асосии молиявии |

| | |
|---|---|
| | онҳо медиҳад, ҳал намудани масъалаҳои бамиёномада бо роҳҳои дигар ғайриимкон мебошад.<br>Дар маҷмӯъ, Тартиби мазкур барои мукаммал ва тақвият бахшидани механизми баҳодиҳии вазъи молиявӣ ва фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломии алоҳида, назорати риояи талаботҳои стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, танзим ва санҷиши тамоюлҳои бахши бонкӣ дар умум пешбинӣ гардида, ҷиҳати бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳавӣ дар самти мазкур, мусоидат менамояд.<br>Инчунин санади мазкур дар самти фаъолияти молиявии ташкилотҳои қарзии исломӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ ва принсипҳои маблағгузории исломӣ амалӣ мегардад. Бинобар ин, ҷиҳати таҳлили фаъолияти молиявии ташкилоти қарзии исломӣ ва амалӣ намудани мақсаду вазифаҳои асосии танзим, назорат ва фаъолияти дурусти иқтисодии ташкилоти қарзии исломӣ, барои таъмини сиёсати ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, пешбурди баҳисобгирии дороиҳо, уҳдадориҳо, сармоя ва тартиб додани иттилооти муқоисавӣ ва саҳеҳ вобаста ба амалиётҳои молиявӣ мусоидат менамояд. |
| Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии | Қабули Тартиби мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагӣ талаб намекунад. Дар сурати қабул гардидани Тартиби мазкур ташкилотҳои қарзии исломӣ, ки дар соҳаи низоми бонкии кишвар нав фаъолияти худро шуруъ |

| | |
|---|---|
| ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | мекунанд, тибқи стандартҳои байналмилалӣ ва мутобиқи принсипҳои маблағгузории исломӣ ҳисоботҳои молиявии худро таҳия намуда барои танзим ва назорат ба Бонки миллии Тоҷикистон дар мухлатҳои муқарраршуда ирсол менамоянд. Инчунин, ба ин васила барои ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ, рушди низоми бонкӣ ва дар навбати худ ба иқтисодиёт таъсири мусбӣ мерасонад. Ин дар навбати худ боиси тақвият бахшидани низоми бонкии кишвар, беҳтар гардидани вазъи молиявии ташкилотҳои қарзии исломӣ, такмил ёфтани пардохтпазирии онҳо ва ҷорӣ гардидани механизми дурусти идоракунии дороиҳо ва уҳдадориҳо гардида, ба зиёд гардидани шумораи штатҳои корӣ ва ҷойҳои холии корӣ, баланд гардидани маоши кормандони онҳо, сари вақт қонеъ гаштани талаботи муштариёни ташкилоти қарзии исломӣ ва дар маҷмуъ беҳтар гардидани фазои сармоягузориву хизматрасонии бонкии исломӣ дар кишвар мусоидат менамояд. |
| Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он | Дар ҳолати қабул гардидани Тартиби мазкур ташкилотҳои қарзии исломӣ барои ҷалби мутахассисони ботаҷриба ва масъулиятшинос дар воҳидҳои сохтории махсус бо мақсади таҳлили фаъолияти молиявии ташкилоти қарзии исломӣ ва амалӣ намудани мақсаду вазифаҳои асосии танзим, назорат ва фаъолияти дурусти иқтисодии ташкилоти қарзии исломӣ, барои таъмини сиёсати ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи |

| | |
|---|---|
| | молиявӣ, пешбурди баҳисобгирии дороиҳо, уҳдадориҳо, сармоя ва тартиб додани иттилооти муқоисавӣ ва саҳеҳ вобаста ба амалиётҳои молиявӣ мусоидат менамояд.<br><br>Ташкилотҳои қарзии исломӣ тибқи Тартиби мазкур бояд ҳармоҳа мутобиқи стандартҳои байналмилали ҳисоботҳои молиявӣ ва бо тартиби муқарарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон маълумотҳоро пешниҳод намоянд.<br><br>Дар ин замина Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломӣ, дар ҷараёни пеш бурдани танзим ва назорати фаъолият ва дар рафти санҷиши фаъолияти онҳо имкон пайдо менамояд, ки ба сифати дороиҳо, уҳдадориҳо, сармоя, даромаднокӣ, пардохтпазирӣ ва идоракунӣ баҳо дода, тибқи муқарраароти Тартиби мазкур ҳисоботҳои молиявиро талаб намояд ва дар ҳолати иҷро нагардидани муқарраароти номбаршуда, нисбат ба ташкилотҳои қарзии исломӣ тибқи муқарраароти қонунгузории амалкунанда чораҳои фаврии ислоҳӣ андешад. |
| Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | 01 июли соли 2020 |

Раис

Ҷ. Нурмаҳмадзода